# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ МОЛИЯИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №6, мод. 436; соли 2013, №3, мод. 189; №11,мод.784, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.05.2016 сол. №1316)**

*Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми майи соли 2011, № 415 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, № 5, моддаи344) қабул гардидааст.*

*Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми июни соли 2011, № 178 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, № 6, моддаи 482) ҷонибдорӣ гардидааст.*

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мақсади Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои ташкилии идоракунии молияи давлатӣ, ба низом даровардани буҷет ва гурӯҳбандии он, таҳия, ташаккул, тақсимот ва истифодаи маблағҳои марказонидашудаи пулиро муайян, муносибатҳои молиявии байнибуҷетиро танзим намуда, мавқеи мақомоти ҳокимият, идоракунии давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин дигар иштирокчиёни **раванди** буҷетиро дар таҳия ва баррасии лоиҳаҳои буҷетҳо, таҳияву тасдиқи ҳисобот ва назорати иҷрои онҳоро муқаррар менамояд.

**Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

**- молияи давлатӣ** - маҷмӯи муносибатҳои пулӣ вобаста ба ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои ҷамъшудаи воситаҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ тавассути буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардида истифода бурда мешаванд;

**- низоми молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон** - доираи муайяни муносибатҳои молиявӣ, ки дар **раванди** онҳо маблағҳои пулӣ ташаккул меёбанд ва истифода бурда мешаванд. Низоми молияи давлатӣ шакл ва усулҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи маблағҳои пули давлатиро муайян менамояд;

**- <u>низоми буҷетӣ</u> – маҷмӯи буҷетҳои ҳама сатҳ, инчунин тартиби таҳия, ташаккул, қабул ва иҷрои буҷети давлатӣ, ки ба муносибатҳои молиявӣ асос ёфта, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад;**

**- буҷети давлатӣ** - фонди асосии маблағҳои пулӣ, шакли ташаккул ва хароҷоти маблағҳои пулии мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва фондҳои мақсадноки буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад;

**- <u>буҷети ҷумҳуриявӣ</u> – шакли ташаккулёбӣ ва хароҷоти маблағҳои пулӣ, ки барои таъмини иҷрои вазифаҳои марбут ба салоҳияти мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ шудааст;**

**- <u>буҷети маҳаллӣ</u> – шакли ташаккулёбӣ ва хароҷоти маблағҳои пулӣ, ки барои таъмини иҷрои вазифаҳои марбут ба ваколати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ шудааст;**

**- <u>буҷети фонди мақсадноки давлатӣ</u> – маблағҳои пулӣ, ки барои татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ, гирифтани кумаки тиббии ройгон, таъмини нафақавӣ ва иҷтимоӣ аз рӯи синну сол дар ҳолатҳои бекорӣ ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд;**

**- <u>даромади буҷет</u> – даромади ҳама сатҳҳои низоми буҷетӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;**

**- <u>хароҷоти буҷет</u> – маҷмӯи хароҷоти буҷетҳои ҳама сатҳҳои низоми буҷетӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти соҳаҳо ва зинаҳои идоракунӣ муқаррар карда шудааст; (ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

**- кӯмаки молиявии беподош (дотатсия)** – маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ беподошу бебозгашт ҷудо карда мешаванд;

**- мусоидати молиявӣ (субвенсия)** – маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахси ҳуқуқӣ барои анҷом додани хароҷоти муайян беподошу бебозгашт ҷудо карда мешаванд;

**- кӯмаки молиявӣ (субсидия)** – маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо шарти маблағгузории ҳиссавии хароҷоти мақсаднок дода мешаванд;

**- фонди мақсадноки давлатӣ** - фонди маблағҳои пулие, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби даромадҳо ё бо роҳи ҷудо кардани маблағ аз намудҳои мушаххаси даромад ташкил ёфта, барои амалӣ гардонидани ин ё он мақсад истифода мешаванд;

**- қарзгирӣ** – маблағҳое, ки мутобиқи шартнома гирифта, ба ҳамон андоза бо фоиз ё бе фоиз барои истифодаи он баргардонида мешаванд ё маблағҳое, ки аз рӯи онҳо ба қарздиҳанда фоиз ё пардохти дигари вобаста ба қарзгирӣ дода мешаванд;

**- қарзи буҷетӣ** - маблағе, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷети давлатӣ ё шахсони воқеӣ ба мӯҳлати муайян ва ба тариқи бозгашт дода мешавад;

**- ӯҳдадории буҷетӣ** – аз ҷониби мақомоти иҷрокунандаи буҷет эътироф кардани ӯҳдадорӣ оид ба хароҷоти маблағи буҷети дахлдор дар давоми мӯҳлати муайян, ки мутобиқи қонун (қарор) дар бораи буҷет ба миён меояд;

**- грантҳо** – маблағҳое, ки аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатӣ ё мақомоти идоракунии давлатии дигар давлатҳо ва ё аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ беподош ва бе қабул кардани ӯҳдадорӣ оид ба ҷуброни онҳо барои дастгирии самти алоҳидаи сиёсати иқтисодӣ дода мешаванд;

**- сармоягузорӣ (инвеститсия)** – маблағҳое, ки барои сохтмони асосӣ, хариди воситаҳои асосӣ ва коғазҳои қиматнок, пурра кардани захира ва манбаъҳои моддии давлатӣ равона карда мешаванд;

**- интиқоли маблағ (трансфертҳо)** – маблағҳои буҷетии барои маблағгузории пардохтҳои ҷорию асосии аҳолӣ дар шакли нафақа, стипендия, ёрдампулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳиссаи пардохт барои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин маблағҷудокунӣ барои пардохти хароҷоти корхонаҳо, муассисаҳои хусусии ғайритиҷоратии ба аҳолӣ ва мақомоти идоракунии давлатӣ хизматрасонанда, ки аз рӯи маблағҳои мазкур ҳеҷ гуна ӯҳдадорӣ оид ба пардохт пеш намеояд;

**- ҳадди ақали стандартҳои иҷтимоии давлатӣ** – хизматрасониҳои давлатӣ, ки ба шаҳрвандон беподошу бебозгашт бо роҳи маблағгузорӣ аз сатҳҳои мухталифи низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фондҳои мақсадноки давлатӣ ба андозаи ҳадди ақали имконпазиру муайян дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида мешаванд ва онҳоро давлат кафолат медиҳад;

**- ҳадди ақали таъминоти буҷетӣ** - арзиши ҳадди ақали имконпазири хизматрасонии давлатӣ ва маҳаллӣ, ки мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоби ҳар сари аҳолӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети дахлдор дастрас мегардонанд;

**- раванди буҷетӣ** - фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар иштирокчиёни ҷараёни буҷетӣ оид ба таҳия ва баррасии лоиҳаи буҷетҳо, фондҳои мақсадноки давлатӣ, тасдиқ ва иҷрои онҳо, инчунин оид ба назорати иҷрои буҷетҳо, ки тавассути санадҳои қонунгузорӣ ба танзим даровардa мешаванд;

**- аудити дохилӣ дар соҳаи молияи давлатӣ** – фаъолияти мустақил ва объективӣ оид ба гузаронидани санҷиш, баҳодиҳӣ ва машваратдиҳии низомҳои идоракунӣ ва дигар низомҳо, ки бо мақсади мусоидат намудан ба фаъолияти қонунӣ, самаранок ва натиҷабахши ташкилотҳои бахши давлатӣ анҷом дода мешавад;

**- тақсимкунандаи асосӣ** - мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, ки маблағҳои буҷети давлатиро ихтиёрдорӣ карда, онҳоро дар байни сохторҳои тобеи худ тақсим мекунанд. Тақсимкунандаи асосӣ ҳамчунин ташкилоти муҳими буҷетии соҳаи илм, маориф, фарҳанг ва тандурустӣ шуда метавонад;

**- тақсимкунанда** - мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ё ташкилоти буҷетӣ, ки маблағҳои буҷетиро аз тақсимкунандаи асосӣ мегиранд ва ҳуқуқи тақсим ва назорати истифодаи маблағҳои буҷетиро ба ташкилотҳои тобеи худ, ки маблағҳои буҷетиро мегиранд, доранд;

**- гирандаи маблағҳои буҷетӣ** - ташкилотҳои буҷетӣ, ки дар тобеияти тақсимкунандаи асосӣ ва тақсимкунандаи воситаҳои буҷетӣ қарор гирифта, ҳуқуқи аз ҳисоби буҷети дахлдор маблағгузорӣ шуданро доранд;

**- ташкилоти буҷетӣ** - ташкилоти таъсисдодаи мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои амалӣ сохтани вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмию техникӣ ва вазифаҳои дигари хусусияти ғайритиҷоратидошта, ки фаъолияти он на кам аз 70 фоиз аз ҳисоби буҷети дахлдор ё буҷети фонди мақсадноки давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

## БОБИ 2. НИЗОМИ МОЛИЯИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 4. Низоми молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Низоми молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муносибатҳои молиявии зерин иборат мебошад:

- низоми буҷети давлатӣ;
- қарзи давлатӣ;
- фондҳои мақсадноки давлатӣ.

**Моддаи 5. Сохтори низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз буҷетҳои сатҳҳои зерин иборат мебошад:

- сатҳи якум - буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ;
- сатҳи дуюм – буҷетҳои маҳаллӣ.

2. Ба буҷетҳои маҳаллӣ буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи онҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи он, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот мансуб мебошанд.

**Моддаи 6. Шаклҳои ҳуқуқии буҷетҳо**

1. Буҷети давлатӣ дар шакли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

2. Буҷети фондҳои мақсадноки давлатӣ ба буҷети давлатӣ дохил карда шуда, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** баррасӣ карда, тасдиқ менамояд.

3. Буҷетҳои маҳаллиро мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия намуда, онро мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул мекунанд.

4. Дар сурате, ки Қонуни мазкур танзими муносибатҳои муайянро ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** вогузор карда бошад, пас нисбат ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муносибатҳои дахлдор дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба буҷетҳои маҳаллӣ ба низом дароварда мешаванд. **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

**Моддаи 7. Давраи банақшагирии буҷетӣ**

Буҷети давлатӣ барои **соли молиявии навбатӣ** ва ду соли минбаъдаи он тартиб дода мешавад. Соли молиявӣ ба соли тақвимӣ мувофиқ буда, аз 1 январ то 31 декабр давом мекунад.

**Моддаи 8. Принсипҳои низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- ягонагии низоми буҷети давлатӣ, ки маънои татбиқи принсипҳои ягонаи ташкил ва фаъолияти низоми буҷети давлатӣ, истифодабарии гурӯҳбандии ягонаи буҷетӣ ва расмиёти ягонаи **раванди** буҷетро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад;
- мустақилияти буҷетҳо, ки маънои муқаррар кардани тақсимоти устувори воридотро байни буҷетҳои сатҳҳои гуногун, ҳуқуқи ҳамаи сатҳҳои идоракунии давлатиро ҷиҳати мустақилона амалӣ намудани **раванди** буҷетӣ мувофиқи Қонуни мазкур, роҳ надодан ба гирифтани даромадҳое, ки ба тариқи илова дар рафти иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ ба даст омадаанд ва бақияи маблағҳои буҷетии буҷетҳои маҳаллӣ ба буҷетҳои болоӣ, роҳ надодан ба вогузор кардани хароҷоти иловагӣ ба буҷетҳои поёнӣ бе ҷуброни дахлдори онҳоро дорад;
- инъикоси пурра ва ҳатмии даромад ва хароҷоти буҷетҳо, ки маънои ӯҳдадории дар буҷетҳо ба ҳисоб гирифтани ҳамаи даромад ва хароҷоти пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад;

- **мувозинати буҷетӣ** маънои онро дорад, ки ҳаҷми пешбининамудаи хароҷоти буҷет бояд ба ҳаҷми даромади буҷет мувофиқ бошад ва ҳангоми таҳия, тасдиқ ва иҷрои буҷет мақомоти ваколатдор бояд зарурати ба андозаи камтарин расонидани касри буҷетро ба инобат гиранд;

- самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ, ки маънои таҳия ва иҷрои буҷетро бо назардошти зарурати расидан ба натиҷаҳои беҳтарин ҳангоми истифодабарии ҳаҷми тасдиқшудаи маблағҳои буҷетӣ ё расидан ба натиҷаҳои гузошташуда бо истифода аз ҳаҷми камтарини маблағҳои буҷетиро дорад;

- натиҷанокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ, ки маънои самт ва истифодабарии маблағҳои буҷетиро барои расидан ба натиҷаҳои пешакии муайянгардида ва нишондиҳандаҳои дахлдори миқдорӣ ва сифатӣ дорад;

- пурра пӯшонидани хароҷоти буҷет, яъне даромади буҷет ва воридот аз манбаъҳои маблағгузории касри он набояд бо хароҷоти муайяни буҷет вобаста карда шаванд, ба истиснои даромадҳои фондҳои мақсадноки буҷетӣ, маблағҳои мақсадноки қарзҳои давлатӣ ва ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ошкоро будани буҷетҳо, ки маънои интишори ҳатмии буҷетҳои тасдиқшуда ва ҳисобот оид ба иҷрои онҳо дар воситаҳои ахбори омма, пурра пешниҳод намудани ахборот дар бораи рафти иҷрои буҷетҳо, дастрас будани маълумоти дигар дар бораи буҷетҳо, ба истиснои маълумоти дорои сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда, инчунин ҳатман ошкоро будани **раванди** буҷетӣ барои ҷамъият ва воситаҳои ахбори оммаро дорад;

- **эътимоднокии** буҷетҳо, ки маънои боваринок будани дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ барои таҳияи лоиҳаи буҷет ва воқеияти ҳисобҳои даромад ва хароҷоти буҷетро дорад;

- суроғавӣ ва мақсаднок будани таъиноти маблағҳои буҷетӣ маънои онро дорад, ки маблағҷудокунии буҷетӣ бо нишон додани мақсади истифодабарии онҳо то гирандагони маблағҳои буҷетӣ расонида мешавад; **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

- асоснок будани буҷетҳо, ки маънои банақшагирии буҷетро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи зарурати ба лоиҳаи буҷет ҳамроҳ кардани ин ё он даромад ё хароҷот ва асоснок будани ҳаҷми онҳоро дорад;

- иҷрои саривақтии буҷет, ки маънои ворид кардани даромадҳоро ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, инчунин гузаронидани маблағҳои буҷетиро ба гирандагон дар мӯҳлат ва бо риояи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро дорад.

**Моддаи 9. Гурӯҳбандии буҷетӣ**

1. Гурӯҳбандии буҷетӣ - ба гурӯҳҳо ҷудо кардани даромаду хароҷот, манбаъҳои маблағгузории касри буҷетҳо, ки барои тартиб додан ва иҷро кардани буҷетҳои сатҳҳои гуногуни низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешавад.

2. Гурӯҳбандии буҷетӣ гурӯҳбандии ҳудудиро низ дар бар мегирад.

3. Гурӯҳбандии хароҷоти буҷетҳо аз инҳо иборат аст:

- гурӯҳбандии функсионалӣ (вазифавӣ);
- гурӯҳбандии иқтисодӣ;
- гурӯҳбандии идоравӣ (маъмурӣ);
- гурӯҳбандии барномавӣ.

4. Гурӯҳбандӣ барои пешниҳоди буҷет, ҳисобот аз рӯи буҷет ва назорати буҷет дар намудҳои зерин истифода бурда мешавад:

- гурӯҳбандии идоравӣ, иқтисодӣ ва гурӯҳбандии фондҳо барои пешниҳоди ҳисобот ва назорат;
- гурӯҳбандии даромадҳо, гурӯҳбандии функсионалӣ, барномавӣ, ҳудудӣ ва гурӯҳбандии маблағгузорӣ аз рӯи бахшҳо барои пешниҳоди маълумот ва ҳисобот.

5. Тартиби татбиқи гурӯҳбандии буҷетӣ ва низомномаи гурӯҳбандии буҷетии даромаду хароҷоти давлатиро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ мекунад.

## БОБИ 3. ДАРОМАДҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 10. Даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ**

1. Даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ, грантҳо, инчунин аз воридоти маблағҳои беподош иборат мебошанд.

2. Ба даромадҳои андозӣ инҳо дохил мешаванд:

- андозҳои умумидавлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ, ки феҳристу меъёри онҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи андоз, гумрук ва боҷи давлатӣ, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд. Таносуби тақсими андозҳо дар

байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** муқаррар карда мешавад;

- боҷҳои давлатие, ки мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид мегарданд.

3. Ба даромадҳои ғайриандозӣ инҳо дохил мешаванд:

- даромадҳо аз хизматрасониҳои пулакии мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, инчунин ташкилотҳои буҷетии тобеи мақомоти мазкур, ки мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд;

- фоидаи Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин корхонаҳои давлатӣ тибқи меъёрҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

- даромад аз фурӯши захираву пасандозҳои давлатӣ, **фоизҳо** аз депозитҳо ва сармоягузории давлатӣ, дивидендҳо аз дороиҳои молиявӣ; **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

- иҷорапулӣ барои истифодабарии молу мулки ҷумҳуриявӣ;

- воридоти маблағи бо тартиби ҷазои ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба фоидаи давлат ситонидашаванда;

- воридоти маблағҳо аз дигар манбаъҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардаанд, аз ҷумла, ҷарима, пеняҳо ва фоизҳо барои риоя накардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ, ҷуброни зараре, ки ба буҷети ҷумҳуриявӣ дар натиҷаи вайрон кардани интизоми молиявӣ расонида шудааст.

4. Ба даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ҳамчунин инҳо тааллуқ доранд:

- грантҳо ва дигар маблағҳои беподош, ки аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҳукуматҳои давлатҳои дигар ворид мешаванд;

- маблағҳое, ки дар натиҷаи ҳисоббаробаркунии байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ворид мешаванд;

- маблағҳое, ки аз истифода ва фурӯши молу мулк ворид мешаванд, инчунин қарзгирии давлатии дохилӣ ва берунӣ, ки дар буҷети ҷумҳуриявӣ берун аз даромад ҳамчун манбаи маблағгузории касри буҷет истифода мешавад.

**Моддаи 11. Даромадҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ**

1. Даромадҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ аз ҳисоби манбаъҳои зерин ташкил меёбанд:

- андозу пардохтҳои махсуси мақсаднок ва ҳатмӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

- маблағҳои ихтиёран супурдаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- маблағҳои буҷети давлатӣ;

- даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорие, ки фонди дахлдор ҳамчун шахси ҳуқуқӣ амалӣ мегардонад;

- даромадҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Даромадҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешаванд.

3. Ҷамъоварӣ ва назорати пардохтҳои ҳатмиро ба буҷети фондҳои мақсадноки давлатӣ мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад.

**Моддаи 12. Даромадҳои буҷетҳои маҳаллӣ**

1. Даромадҳои буҷетҳои маҳаллӣ аз даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ, инчунин аз воридоти маблағ аз ҳисоби андозу пардохтҳои танзимшавандаи умумидавлатӣ ва пардохтҳои дигар иборат мебошанд.

2. Ба даромадҳои андозии буҷетҳои маҳаллӣ инҳо дохил мешаванд:

- андозҳои маҳаллӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети маҳаллӣ, ки номгӯи онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

- даромадҳо аз андозу пардохтҳои танзимшавандаи умумидавлатӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатӣ барои **соли молиявии навбатӣ** муайян гардида, ба буҷетҳои маҳаллӣ дода мешаванд;

- боҷи давлатӣ, ба истиснои боҷи давлатие, ки мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид карда мешавад. **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

3. Ба даромадҳои ғайриандозии буҷетҳои маҳаллӣ инҳо дохил мешаванд:

- даромад аз буҷети ҷумҳуриявӣ, ки дар шакли кӯмаки молиявии беподош (дотатсия), мусоидати молиявӣ (субвенсия), кӯмаки молиявӣ (субсидия), инчунин дар шакли ҳисоббаробаркунии мутақобила ба буҷети маҳаллӣ ворид мешавад;

- иҷорапулӣ барои истифодабарии молу мулки маҳаллӣ;

- даромад аз хизматрасониҳои пулакие, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои буҷетии аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ маблағузоришаванда ба анҷом мерасонанд;

- воридоти маблағ аз дигар манбаъҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардаанд, аз ҷумла ҷаримаҳо, пеня ва фоизҳо барои риоя накардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ, барқарор намудани зарари дар натиҷаи вайрон кардани интизоми молиявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ расонидашуда;

- даромадҳо аз манбаъҳои ғайрибуҷетӣ – грантҳо, дигар пардохтҳои беподош аз шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ.

## БОБИ 4. ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Моддаи 13. Асос ва принсипҳои ташаккули хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ташаккули хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои ягонагии сохтор, шакл ва усулу воситаҳои фаъолият, меъёрҳои ҳадди ақали стандартҳои иҷтимоии давлатии таъминоти буҷетӣ, хароҷоти молиявӣ барои хизматрасониҳои давлатӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, асос меёбад.

### Моддаи 14. Хароҷоти ҷорӣ ва асосии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба аҳамияти иқтисодӣ ба хароҷоти ҷорӣ ва хароҷоти асосӣ тақсим мешавад.

2. Ба гурӯҳ ҷудокунии хароҷоти ҷорӣ ва асосии буҷет тибқи гурӯҳбандии иқтисодии хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

3. Хароҷоти ҷорӣ - қисми хароҷоти буҷет, ки барои таъмини фаъолияти ҷории мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои буҷетӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ муқаррар гардида, барои дастгирии сатҳҳои дигари низоми буҷети давлатӣ, соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолот бо тариқи расонидани кӯмаки молиявии беподош (дотатсия), мусоидати молиявӣ (субвенсия) ва кӯмаки молиявӣ (субсидия) истифода мешавад.

4. Ба хароҷоти ҷорӣ инчунин хароҷоте мансуб мебошанд, ки тибқи гурӯҳбандии буҷетӣ ба хароҷоти асосӣ дохил нашудааст.

5. Хароҷоти асосӣ - хароҷоти буҷет, ки барои маблағгузории рушди фаъолияти сармоягузорӣ таъин гардидааст. Ба хароҷоти асосӣ инҳо дохил мешаванд:

- хароҷоте, ки тибқи барномаҳои сармоягузории тасдиқшуда барои маблағгузории шахсони ҳуқуқии амалкунанда ё аз нав таъсисёфта таъин шудааст;

- маблағҳое, ки ба шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун қарз барои маблағгузории рушд дода мешаванд;

- хароҷоти вобаста ба таъмири асосӣ ва хариди воситаҳои асосӣ;

- хароҷоте, ки ҳангоми иҷрои он молу мулки мутаносибан ба моликияти ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ мансуббуда афзоиш меёбад;

- хароҷоти дигаре, ки тибқи гурӯҳбандии иқтисодии буҷетӣ ба хароҷоти асосӣ дохил карда шудааст.

6. Дар таркиби хароҷоти асосӣ мумкин аст фондҳои рушд таъсис дода шаванд.

### Моддаи 15. Шаклҳои хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаклҳои зайл амалӣ карда мешавад:

- маблағҷудокунӣ барои таъмини ташкилотҳои буҷетӣ;

- маблағҳо барои пардохти мол (кор ва хизматрасони)-ҳое, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси шартномаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ иҷро мекунанд;

- интиқоли маблағ (трансферт)-ҳо ба аҳолӣ;

- маблағҷудокунӣ барои ҷуброни хароҷоти иловагӣ, ки вобаста ба қабули қарор аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ пеш меояд ва дар натиҷа боиси афзоиши хароҷот ё кам шудани даромад мегардад;

- қарзи буҷетӣ ба шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла қарзи андоз, батаъхирандозӣ ва тамдиди мӯҳлат барои супоридани андозу пардохтҳо ва дигар ӯҳдадориҳо;

- мусоидати молиявӣ (субвенсия) ба шахсони ҳуқуқӣ;

- кӯмаки молиявӣ (субсидия) ва қарз ба шахсони воқеӣ;

- маблағгузории сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқии амалкунанда ва аз нав таъсисёбанда;

- қарзи буҷетӣ, кӯмаки молиявии беподош (дотатсия), мусоидати молиявӣ (субвенсия), кӯмаки молиявӣ (субсидия) **ба сатҳҳои дигари низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фондҳои мақсадноки**

**давлатӣ**; **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

- қарздиҳӣ ба давлатҳои дигар;
- маблағҳо барои хизматрасонӣ ва пардохти ӯҳдадориҳои қарзӣ, пардохти фоизи онҳо, аз ҷумла барои иҷрои кафолати мақомоти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

**Моддаи 16. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ**

Аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ танҳо хароҷоти намудҳои зерини фаъолият маблағгузорӣ карда **мешаванд**:

- таъмини фаъолияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти идоракунии давлатӣ, хароҷоти дигари дорои аҳамияти умумидавлатӣ аз рӯи феҳристе, ки ҳангоми қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** муайян карда мешавад;
- фаъолияти низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- амалӣ намудани фаъолияти байналмилалӣ, таъмини молиявии иҷрои шартномаҳои байналмилалӣ ва шартномаҳо бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, ҳамкориҳои байналмилалии фарҳангӣ, илмию иттилоотии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки ҳангоми қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** муайян карда мешаванд; **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**
- мудофиа ва таъмини амнияти давлат, ба ғайр аз хароҷоте, ки бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои ҳамин мақсадҳо амалӣ карда мешавад;
- таҳқиқоти бунёдӣ ва дастгирии пешрафти илмию техникӣ;
- дастгирии давлатии инфрасохторҳои нақлиётӣ ва сӯзишворию энергетикии дорои аҳамияти умумидавлатӣ;
- барномаҳои умумидавлатӣ оид ба рушди кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ;
- хароҷоти дорои аҳамияти умумидавлатӣ оид ба ҳифзи табиат ва муҳити зист;
- бартараф намудани оқибатҳои вазъияти фавқулодда ва офатҳои табиӣ;
- ташаккули моликияти ҷумҳуриявӣ ва маблағгузории ташкилотҳое, ки дар ихтиёри мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ буда, ба моликияти давлатӣ мансубанд;
- хизматрасонӣ ва пардохти қарзи давлатӣ;
- ҷуброни хароҷоти фондҳои мақсадноки давлатӣ оид ба пардохти нафақа ва кӯмакпулӣ, дигар пардохтҳои иҷтимоӣ, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ мешаванд;
- пурра кардани захираҳои давлатии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, захираи моддии давлатӣ;
- гузаронидани интихоботу раъйпурсиҳо;
- барномаҳои умумиҷумҳуриявии сармоягузорӣ;
- таъмини иҷрои қарорҳои мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, ки ба афзоиши хароҷоти буҷет ё камшавии даромади буҷет оварда мерасонанд;
- таъмини иҷрои ваколатҳои алоҳидаи давлатӣ, ки амалӣ гардонидани онҳо ба сатҳи дигари мақомоти ҳокимияти давлатӣ вогузор шудааст;
- дастгирии молиявии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- ҳисоботи расмии омор;
- дигар хароҷоти дорои аҳамияти умумидавлатӣ.

**Моддаи 17. Хароҷоти фондҳои мақсадноки давлатӣ**

Маблағҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ танҳо барои иҷрои амалҳое истифода мешаванд, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи буҷети фондҳои мазкур муайян гардида, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** тасдиқ карда шудаанд.

**Моддаи 18. Хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ**

Аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ танҳо хароҷоти намудҳои зерини фаъолият маблағгузорӣ карда мешавад:

- таъмини фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- таъмини фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;
- ташаккули моликияти коммуналӣ дар маҳалҳо ва идоракунии он;
- ташкил, таъмини фаъолият ва рушди муассисаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, матбуот ва нашриёҳои даврӣ, дигар муассисаҳое, ки ба моликияти коммуналӣ мансубанд

ё дар ихтиёри мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд;
- рушди хоҷагии манзилию коммуналӣ;
- сохтмони роҳҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ ва нигоҳдории онҳо;
- ободонӣ ва кабудизоркунӣ дар маҳалҳо;
- ташкили истифода ва коркарди партовҳои рӯзгор;
- ташкили хизматрасонии нақлиётӣ ба аҳолӣ ва муассисаҳое, ки ба моликияти коммуналӣ мансубанд ё дар ихтиёри мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд;
- ҳифзи табиат дар маҳалҳо;
- амалигардонии барномаҳои мақсадноки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- хизматрасонии қарзи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва пардохти он;
- кӯмакҳои молиявии беподош (трансфертҳо) ба аҳолӣ;
- гузаронидани интихоботи мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- маблағгузории қарорҳои дигари мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва хароҷоти дигар, ки мутобиқи гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ мансуб дониста шудаанд.

**Моддаи 19. Хароҷоти якҷояи буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ**

1. Аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ хароҷоти якҷояи намудҳои зерини фаъолият маблағгузорӣ карда мешавад:
- дастгирии давлатии соҳаҳои саноат, сохтмон, кишоварзӣ, энергетика, нақлиёт, алоқа ва хоҷагии роҳ;
- таъмини фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ;
- таъмини бехатарии зидди сӯхтор;
- таъмини фаъолияти илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ, лоиҳакашию таҳқиқотӣ, ки пешрафти илму техникаро таъмин менамоянд;
- таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш;
- таъмини ҳифзи табиат, ҳифз ва таҷдиди сарватҳои табиӣ, фаъолияти обуҳавошиносӣ;
- таъмини пешгирӣ ва бартараф кардани оқибатҳои вазъияти фавқулодда ва офатҳои табиӣ;
- рушди инфрасохтори бозор;
- таъмини фаъолияти воситаҳои ахбори омма;
- кӯмаки молиявӣ ба дигар буҷетҳо;
- хароҷоти дигар, ки дар ихтиёри якҷояи мақомоти ҳокимият, идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мебошад.

2. Тақсим ва вобаста кардани хароҷоти дар моддаи мазкур ифодаёфта байни буҷетҳои сатҳҳои мухталифи низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои идораи якҷояро танзим менамояд, инчунин бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** тасдиқ карда мешавад.

3. Тартиби мувофиқаи тақсимот ва вобаста кардани хароҷот дар идоракунии муштараки мақомоти ҳокимият, идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

## БОБИ 5. МУВОЗИНАТИ БУҶЕТҲО

**Моддаи 20. Барзиёдии (профисити) буҷет**

1. Зиёд будани даромади буҷет нисбат ба хароҷоти он барзиёдии (профисити) буҷет мебошад. Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ метавонанд бо барзиёдӣ (профисит) таҳия ва тасдиқ карда шаванд.

2. Барзиёдии (профисити) буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ метавонад ҳамчун депозит дар Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои дигар ва ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шавад ва ё бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба мақсадҳои зерин равона карда шавад:
- пӯшонидани касри буҷети дахлдор дар **соли молиявии навбатӣ**;
- барҳамдиҳии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда, офатҳои табиӣ ва дигар хароҷоти пешбининашуда.

**Моддаи 21. Касри буҷет ва манбаъҳои маблағгузории он**

1. Барзиёдии хароҷоти буҷет нисбати даромади он касри буҷет мебошад.

2. Дар ҳолати қабули буҷет барои **соли молиявии навбатӣ** бо барзиёдии хароҷот нисбати даромад манбаъҳои маблағгузории касри буҷети мазкур бо қонун (қарор) дар бораи буҷети дахлдор тасдиқ карда мешаванд.

3. Хароҷоти ҷории буҷетҳои маҳаллӣ аз маҷмӯи даромадҳои буҷетҳои мазкур зиёд шуда **наметавонанд**.

4. Маҷмӯи касри буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҳаҷми умумии маблағгузории буҷетӣ ва хароҷот барои пардохти хизматрасонии қарзи давлатӣ зиёд шуда наметавонад.

5. Маҷмӯи касри буҷетҳои маҳаллӣ аз ду фоизи ҳаҷми даромади онҳо, ба истиснои кӯмаки молиявӣ аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд шуда наметавонад.

6. Воридот аз манбаъҳои маблағгузории касри буҷетҳои маҳаллӣ танҳо барои маблағгузории хароҷоти сармоягузорӣ равона карда мешаванд. Истифодаи он барои маблағгузории хароҷоти хизматрасонӣ, пӯшонидан ва пардохти қарзи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ манъ аст.

7. Ба манбаъҳои маблаггузории касри буҷети ҷумҳуриявӣ инҳо мансубанд:

1) Манбаъҳои дохилӣ:

- қарзҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ташкилотҳои қарзӣ бо асъори миллӣ мегирад;
- векселҳои давлатӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асъори миллӣ дар шакли коғазҳои қиматнок мебарорад;
- депозитҳои маблағҳои буҷетӣ ба ҳолати аввали соли буҷетӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои дигар ё ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарзҳои буҷетӣ, ки аз сатҳҳои болоии низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта мешаванд.

2) Манбаъҳои берунӣ:

- қоғазҳои қиматноки давлатӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли коғазҳои қиматнок бо асъори хориҷӣ мебарорад;
- қарзҳои давлатҳои дигар, бонкҳо, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва ғайрирезидентҳо, ки бо асъори хориҷӣ гирифта мешаванд.

## БОБИ 6. ҚАРЗИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Моддаи 22. Қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таркиб ва шаклҳои он

1. Қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ӯҳдадориҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, давлатҳои дигар, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ иборат мебошад.

2. Қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ва бе ягон шарт аз ҳисоби молу мулки дар моликияти давлатбуда таъмин карда мешавад.

3. Ҳуқуқи қарзгирии давлатии дохилӣ ва берунӣ, сохтор, тартиби хизматрасонӣ, ҳисоби бақайдгирӣ, таҷдиди сохтории он, ҷудо кардани қарз ба давлатҳои дигар ва ташкилотҳои байналмилалӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

## БОБИ 7. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИБУҶЕТӢ

### Моддаи 23. Асосҳои муносибатҳои байнибуҷетӣ

1. Муносибатҳои байни мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти идоракунии фондҳои мақсадноки давлатӣ**, ки дар раванди буҷетӣ ба амал меоянд,** муносибатҳои байнибуҷетӣ мебошанд.

2. Муносибатҳои байнибуҷетӣ ба принсипҳои зерин асос меёбанд:

- ба сатҳҳои муайяни низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим ва вобаста кардани даромадҳо ва хароҷоти буҷетҳо;
- дар асоси ҳудудгузории доимӣ ва аз рӯи меъёрҳои муваққатӣ тақсим намудани даромадҳои танзимкунанда дар байни сатҳҳои мухталифи низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баробарии ҳуқуқҳои буҷетии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ;
- баробар кардани сатҳи ҳадди ақали таъминоти буҷетии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- баробарии ҳамаи буҷетҳо дар муносибатҳои тарафайн бо буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Андозҳои маҳаллӣ пурра ба буҷетҳои маҳаллӣ гузаронида мешаванд. Тақсимоти андозҳои умумидавлатӣ дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳамасола бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** тасдиқ карда мешавад. **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

**Моддаи 24. Шаклҳои кӯмаки молиявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ**

1. Кӯмаки молиявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ дар шаклҳои зерин расонида мешавад:

- кӯмаки молиявии беподош (дотатсия) - барои баробар кардани ҳадди ақали таъминоти буҷетии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, маблағгузории ҳадди ақали стандартҳои давлатии иҷтимоӣ, ки масъулияти маблағгузории онҳо ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузошта шудааст;

- мусоидати молиявӣ (субвенсия) - барои маблағгузории хароҷоти алоҳидаи мақсаднок;

- қарзи буҷетӣ - барои **пӯшонидани** тафовути муваққатии хазинавӣ, ки дар **раванди** иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ ба вуҷуд меояд;

- дигар шаклҳои кӯмаки молиявӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

2. Тартиби расонидани кӯмаки молиявӣ, андозаи он дар шаклҳои кӯмаки молиявии беподош (дотатсия) ва мусоидати молиявӣ (субвенсия) бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** муайян карда мешаванд. **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф кардани тафовути хазинавӣ дар хазинадорӣ дар раванди иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ ҳуқуқ дорад ба буҷетҳои маҳаллӣ қарзи муваққатӣ (ссуда) ҷудо намояд, ки дар давоми соли молиявии ҷорӣ баргардонида мешавад.

## БОБИ 8. РАВАНДИ БУҶЕТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 25. Иштирокчиёни раванди буҷетӣ**

Дар **раванди** буҷетӣ инҳо иштирок мекунанд:

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (мақомоти молия);
- дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;
- **субъектҳои** танзими пулию қарзӣ ва асъорӣ; **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**
- мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- мақомоти идоракунии фондҳои мақсадноки давлатӣ;
- тақсимкунандагони асосӣ, тақсимкунандагон ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ;
- ташкилотҳои буҷетӣ, корхонаҳои воҳиди давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ташкилотҳои қарзӣ, ки бо маблағҳои буҷетӣ фаъолият мекунанд;
- мақомоти дигар, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти соҳаи идоракунии молия, буҷет ва андозро ба зиммаи онҳо гузоштааст.

**Моддаи 26. Салоҳияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатиро** қабул мекунад;
- назорати иҷрои буҷетро амалӣ менамояд; **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**
- истифодабарии маблағҳои буҷетиро аз ҷониби маблағгирандагон таҳлил мекунад ва ҳангоми зарурат натиҷаи таҳлилро баррасӣ менамояд;
- бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба додан ё гирифтани қарзи давлатӣ ризоят медиҳад;
- ҳисоботи иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соли гузаштаи молиявӣ тасдиқ мекунад;
- салоҳиятҳои дигареро, ки Қонуни мазкур, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молия ва буҷет, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, амалӣ мекунад.

2. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба фондҳои мақсадноки давлатӣ низ чунин салоҳиятро амалӣ менамояд.

**Моддаи 27. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- татбиқи сиёсати ягонаи **давлатии** молиявӣ, андозӣ, буҷетӣ ва пулию қарзиро таъмин менамояд;
- ҳамасола дар бораи тартиби таҳияи лоиҳаи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи навбатии банақшагирии буҷетӣ қарор қабул мекунад;
- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

**соли молиявии навбатиро** бо лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷату маводи зарурӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад;

- пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** дар бораи таъмини иҷрои он қарор қабул мекунад, инчунин дар доираи сатҳи касри буҷети тасдиқгардида грантҳо ва қарзҳоро аз манбаъҳои дохилию берунӣ барои маблағгузории он ҷалб менамояд;

- оид ба лоиҳаи қонунҳое, ки дар онҳо тағйироти даромад ва хароҷоти аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ пардохтшаванда пешбинӣ мегарданд, ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса пешниҳод менамояд;

- оид ба додан ё гирифтани қарзи давлатӣ ризояти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мегирад;

- афзалияти қарзгирии давлатӣ ва қарзгирии кафолатноки давлатиро муайян намуда, тартиби идоракунии қарзгирии мазкур ва амалӣ намудани онро таъмин менамояд;

- ҳисоботро оид ба иҷрои буҷети давлатии соли гузаштаи молиявӣ барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- тартиби ташкил ва барҳамдиҳии фондҳои мақсадноки давлатӣ, идоракунии фаъолият ва баррасии ҳисоботи онҳоро муайян менамояд;

- лоиҳаи қонунҳоро оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** таҳия намуда, бо ҳуҷҷату маводи зарурӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- салоҳиятҳои дигареро, ки Қонуни мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими муносибатҳои ҳуқуқии андоз ва буҷет муқаррар намудаанд, амалӣ менамояд. **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

**Моддаи 28. Ваколатҳои мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ**

Мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- буҷети маҳаллиро мустақилона тасдиқ намуда, иҷрои онро назорат мекунанд ва ҳангоми зарурат ба он тағйиру иловаҳо ворид менамоянд;

- ба мақомоти болоӣ дар хусуси ворид намудани нишондиҳандаҳои буҷети тасдиқнамудаи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамоянд;

- ҳисоботи иҷрои буҷети маҳаллиро барои соли гузаштаи молиявӣ тасдиқ мекунанд;

- мувофиқи талаботи Қонуни мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ваколатҳои дигарро амалӣ менамоянд.

**Моддаи 29. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ**

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- қоидаҳои умумии ташкили муносибатҳои молиявию буҷетии маҳаллиро муқаррар менамоянд;

- захираҳои молиявии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро идора мекунанд;

**- маблағҳои буҷетиро мутобиқи гурӯҳбандии буҷетӣ тақсим намуда, барои истифодаи босамари онҳо масъул мебошанд;**

- ҳар сол лоиҳаи буҷети маҳаллиро барои **соли молиявии навбатӣ** ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод мекунанд; **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

- меъёрҳои таъминоти буҷетии маҳаллиро дар асоси меъёрҳои ҳадди ақали стандартҳои иҷтимоии давлатии таъминоти буҷетии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида таҳия ва тасдиқ намуда, бо назардошти онҳо лоиҳаи буҷети маҳаллиро таҳия менамоянд;

- оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Маҷлиси вакилони халқи дахлдор дар бораи буҷетҳои маҳаллӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд;

- иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ, аз ҷумла ҷамъоварии даромадҳоро назорат менамоянд;

- қарзи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро идора мекунанд;

- ваколатҳои дигарро, ки санадҳои мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян кардаанд, амалӣ менамоянд.

**Моддаи 30. Ваколатҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- самтҳои асосии сиёсати **давлатии** молиявию буҷетӣ ва андозро таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд; **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

- роҳбарии методиро дар соҳаи таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ амалӣ мегардонад;

- тибқи тартиби муқарраргардида робитаи дутарафаи вилоят ва ноҳияҳоро дар **раванди** буҷетӣ

танзим менамояд;

- нақши тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ, тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ ва гирандагони маблағҳои буҷетиро дар тайёр кардани буҷет, иҷрои буҷет, баҳисобгирӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ танзим менамояд;

- лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** ва лоиҳаи фондҳои мақсадноки давлатиро якҷоя бо мақомоти дахлдор таҳия намуда, тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- дурнамои даромад ва хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои **соли молиявии навбатӣ** ва ду соли минбаъдаи он таҳия мекунад;

- роҳбарии методиро барои таъмини иҷрои буҷети давлатӣ амалӣ менамояд;

- рӯйхати буҷетии **ҷамъбастии** буҷети ҷумҳуриявиро тартиб медиҳад; **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

- тибқи тартиби муқарраргардида барномаи қарзгирии давлатии дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартҳо ва тартиби барориш ва паҳнкунии коғазҳои қиматнокро таҳия менамояд, ҳамчун эмитенти коғазҳои қиматноки давлатӣ фаъолият карда, барориши коғазҳои қиматнокро ба қайд мегирад;

- бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ оид ба масъалаҳои молиявӣ ҳамкорӣ мекунад;

- барномаи қарзгирии давлатии берунии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия карда, оид ба ҷалб намудани захираҳои қарзи хориҷӣ чораҳои зарурӣ меандешад, барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба додани кафолати қарзҳо таҳия намуда, тартиби додани кафолатро муайян мекунад;

- роҳбарии методиро оид баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи шахсони ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо амалӣ менамояд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад;

- ҳисоботро оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- тибқи тартиби муқарраргардида намудҳо, шаклҳои баҳисобгирӣ ва ҳисобот оид ба иҷрои буҷетҳои сатҳҳои гуногуни низоми Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сметаи хароҷоти ташкилотҳои буҷетӣ, инчунин тартиби таҳияи онҳоро муайян менамояд;

- тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намуда, иҷрои пешакӣ, ҷорӣ ва минбаъдаи онро назорат мекунад ва бо маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ амалиёт мегузаронад;

- ҳуқуқ дорад аз тақсимкунандагони асосӣ, тақсимкунандагону гирандагони маблағҳои буҷетӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бораи истифодаи маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маълумоти дигари вобаста ба маблағгирӣ, маблағгузорӣ, таъинот ва истифодаи маблағҳои мазкур ҳисобот талаб намояд;

- аз бонкҳои ваколатдор оид ба амалиёт бо маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ маълумот талаб менамояд;

- ба тақсимкунандагони асосӣ, тақсимкунандагону гирандагони маблағҳои буҷетӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва дигар ташкилотҳои қарзӣ оид ба бартараф кардани норасогиҳои ошкоршуда дар соҳаи қонунгузории буҷетию молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур менамояд;

- дар доираи салоҳияти худ тибқи тартиби муқарраргардида санадҳои меъёриро қабул мекунад, ки риояи онҳо барои тамоми мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, инчунин субъектҳои хоҷагидорӣ ҳатмӣ мебошад;

- аз мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, фондҳои мақсадноки давлатӣ барои таҳияи дурнамо ва лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маводи зарурӣ талаб карда мегирад;

- дар доираи меъёри (лимити) маблағҳои бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдор тасдиқшуда ва бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории буҷетиро таъмин менамояд;

- аудити дохилии ташкилотҳои буҷетиро, ки шӯъбаи аудити дохилӣ надоранд, мегузаронад;

- таҳлил ва мониторинги вазъи молиявии маблағгирандагони буҷетӣ, аз ҷумла, онҳоеро, ки қарз, грантҳо, мусоидати молиявӣ (субвенсия), кӯмаки молиявӣ (субсидия) ва кафолатҳои давлатӣ мегиранд, мегузаронад.

- фаъолияти низоми аудити дохилиро дар асоси стандартҳои байналмилалӣ, мақсаду принсипҳо ва вазифаҳои ягонаи аудити дохилӣ таъмин менамояд;

- мониторинги мунтазами фаъолияти молиявию хоҷагии корхонаҳои азими давлатиро аз рӯи феҳристи тасдиқкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронад;

- таҳлилҳои иқтисодиро оид ба иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ, аз ҷумла оид ба воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет мегузаронад;

- тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор гирандагони маблағҳои буҷетиро аз

мавқеи риояи шартҳои гирифтани маблағҳо ва истифодабарии самараноки онҳо месанҷад;

- идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;

- ваколатҳои дигареро, ки Қонуни мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, инчунин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммааш вогузор намудаанд, иҷро мекунад.

**Моддаи 31. Ваколатҳои мақомоти назорати давлатии молиявӣ**

Ваколатҳои мақомоти назорати давлатии молиявӣ бо Қонуни мазкур, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.(ҚҶТ аз 12.11.13с.№1027)

**Моддаи 32. Ваколатҳои тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ**

1. Ҳар як тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ ташкилоти буҷетӣ ва мувофиқан шахси ҳуқуқӣ ва воҳиди баҳисобгирӣ мебошад.

2. Тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ:

- истифодабарии самарабахш, таъсирнок ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, аз ҷумла маблағҳои барои гирандагони маблағҳои буҷетии тобеи худ пешбинигардидаро таъмин менамояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буҷети заминавии тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетиро таҳия менамояд ва банақшагирии хароҷоти буҷети дахлдорро амалӣ менамояд;

- иҷрои буҷети сохтори тобеи худ ва гирандагони маблағҳои буҷетиро ташкил менамояд, инчунин ҳисоботи буҷетии тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетиро ташаккул медиҳад;

- назорати молиявии дохилиро дар соҳаи фаъолияти худ, инчунин дар соҳаи фаъолияти тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ ва гирандагони маблағҳои буҷетии тобеи худ ташкил ва амалӣ менамояд.

3. Тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахши муайяни соҳаи буҷет масъул мебошад, ҳамчунин ӯҳдадориҳои зеринро амалӣ менамояд:

- бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол стратегияи миёнамӯҳлати хароҷоти буҷетии бахшҳои дахлдорро таҳия ва ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- дар бораи самтҳои афзалиятноки хароҷоти буҷетӣ дар бахши дахлдор пешниҳод манзур менамояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти молияи давлатӣ буҷети заминавии бахшро таҳия намуда, банақшагирии хароҷоти дахлдори буҷетро амалӣ менамояд, инчунин банақшагирии хароҷоти сармоягузориро дар бахшҳо таъмин менамояд.

**Моддаи 33. Ваколатҳои тақсимкунандаи маблағҳои буҷетӣ**

1. Ҳар як тақсимкунандаи маблағҳои буҷетӣ ташкилоти буҷетӣ ва мувофиқан шахси ҳуқуқӣ ва воҳиди баҳисобгирӣ мебошад.

2. Тақсимкунандаи маблағҳои буҷетӣ:

- натиҷанокӣ, самарабахшӣ ва хусусияти мақсаднок доштани истифодабарии маблағҳои буҷетӣ, аз ҷумла маблағҳои барои гирандагони маблағҳои буҷетии ташкилотҳои тобеи худ пешбинишударо таъмин менамояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи тақсимкунандаи асосии болоии маблағҳои буҷетӣ оид ба масъалаҳои банақшагирии буҷетӣ ва иҷрои буҷет пешниҳод манзур менамояд;

- назорати дохилии молиявиро дар соҳаи фаъолияти худ, аз ҷумла дар фаъолияти ташкилотҳои тобеи гирандагони маблағҳои буҷетии худ ташкил ва амалӣ менамояд.

**Моддаи 34. Ваколатҳои гирандаи маблағҳои буҷетӣ**

1. Ҳар як гирандаи маблағҳои буҷетӣ ташкилоти буҷетӣ ва мувофиқан шахси ҳуқуқӣ ва воҳиди баҳисобгирӣ мебошад.

2. Гирандаи маблағҳои буҷетӣ:

- истифодабарии самаранок, таъсирбахш ва мақсадноки маблағҳои буҷетии барои ӯ ҷудошударо таъмин менамояд;

- сметаи хароҷотро дар доираи маблағҷудокуниҳои солона ва меъёри (лимити) семоҳа таҳия менамояд;

- аз рӯи хароҷоти маблағҳои буҷетӣ мувофиқи сметаи хароҷоти тасдиқшуда амалиёт мегузаронад;

- мувофиқи қонунгузорӣ дар бораи хариди давлатӣ шартнома мебандад;

- бо тартиби муқаррарнамудаи тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетӣ ё тақсимкунандаи маблағҳои буҷетӣ оид ба масъалаи банақшагирии буҷет ва иҷрои буҷет пешниҳод манзур менамояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти молия оид ба хароҷоти маблағҳо ҳисобот пешниҳод менамояд;

- фаъолияти низоми назорати дохилиро таъмин менамояд.

3. Гирандаи маблағҳои буҷетӣ ӯҳдадор аст:

- дархости буҷетӣ ё дигар ҳуҷҷатҳоеро, ки ҳуқуқи гирифтани маблағи буҷетиро тасдиқ мекунанд, сари вақт пешниҳод намояд;

- маблағҳои буҷетиеро, ки дар асоси бозпас гардонидан дода шудаанд, сари вақт ва пурра баргардонад;

- фоизи истифодабарии маблағҳои буҷетиро саривақт ва пурра пардохт намояд.

## БОБИ 9. ТАРТИБИ ТАҲИЯИ ЛОИҲАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ

**Моддаи 35. Мақсади таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ**

Мақсади таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ таъмини муттаҳидкунӣ ва тақсимоти самараноки захираҳои молиявии давлат дар дурнамои миёнамӯҳлат бо назардошти зарурати расидан ба стандартҳои ҳадди ақали иҷтимоии давлатӣ дар асоси меъёрҳои хароҷоти молиявӣ барои хизматрасонии давлатӣ ва дигар меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи мақсадҳои дарозмӯҳлату миёнамӯҳлат ва афзалиятҳои сиёсати давлатӣ мебошад.

**Моддаи 36. Муносибатҳои асосӣ нисбат ба таҳияи буҷети давлатӣ**

1. Лоиҳаи буҷети давлатӣ бо назардошти дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси бузургии **ҳисобии** буҷети заминавӣ, афзалиятҳо ва самтҳои нави сиёсати давлатӣ дар давраи банақшагирии буҷетӣ таҳия карда мешавад. **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

2. Буҷети заминавӣ - нишондиҳандаи ҳисобӣ барои ташаккули буҷет, ки самтҳои асосии хароҷот, лоиҳа ва барномаҳоеро дар бар мегирад, ки маблағгузории онҳо дар солҳои гузашта шурӯъ гардида, хароҷот барои афзалиятҳо ва самтҳои нави сиёсати давлатӣ ба онҳо дохил нестанд.

3. Афзалиятҳо ва самтҳои нави сиёсати давлатӣ дар давраи банақшагирии буҷетӣ дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои барномавии стратегии қабулгардидаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

4. Лоиҳаи буҷет дар давраи банақшагирии буҷетӣ ҳамасола бо роҳҳои зерин таҳия карда мешавад:

- аниқсозии нишондиҳандаҳои солҳои якум ва дуюми давраи банақшагирии буҷетӣ;

- илова кардани нишондиҳандаҳои соли сеюми давраи банақшагирии буҷетӣ.

**Моддаи 37. Ташкили таҳияи буҷети давлатӣ**

Корҳои таҳияи буҷети давлатӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он тартиб ва мӯҳлати ташаккули лоиҳаи буҷетро тасдиқ менамояд, ташкил карда мешаванд. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тақсимкунандагони асосӣ ва дигар иштирокчиёни **раванди** буҷетӣ Дастурамали ташаккули лоиҳаи буҷетро таҳия ва тасдиқ менамояд, ки дар он ҷадвал ва расмиёти омодасозии буҷети давлатӣ муайян карда мешаванд.

**Моддаи 38. Раванди таҳияи буҷети давлатӣ**

1. Раванди таҳияи буҷети давлатӣ аз ду марҳила иборат мебошад. Дар марҳилаи аввал Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати **давалатии** молиявию буҷетӣ ва андозиро барои давраи банақшагирии буҷетӣ таҳия намуда, онро барои баррасӣ ба Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Самтҳои асосии сиёсати **давлатии** молиявию қарзӣ ва андозӣ дар давраи банақшагирии буҷетӣ барои ҳар як сол бояд маълумотҳои зеринро дар бар гиранд:

- нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ аз рӯи даромад, хароҷот, каср ё барзиёдӣ, ҳаҷми қарзи давлатӣ;

- нишондиҳандаҳои ҳисобии буҷети заминавӣ;

- нишондиҳандаҳои сармоягузории давлатӣ;

- ҳаҷми умумии хароҷот барои татбиқи самтҳои нави сиёсати давлатӣ;

- пешниҳод оид ба самтҳои афзалиятноки хароҷот барои татбиқи самтҳои нави сиёсати давлатӣ, ки бо назардошти пешниҳодоти дахлдори тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ омода шудаанд;

- ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯи нишондиҳандаҳои васеи гурӯҳбандии буҷетӣ;

- дигар маълумотҳо, ки барои таҳияи буҷети давлатӣ зарур мебошанд.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида пас аз баррасии самтҳои асосии сиёсати **давлатии** молиявию қарзӣ ва андоз дар давраи банақшагирии буҷетӣ дар бораи маъқул донистани онҳо бо назардошти тағйиру иловаҳои зарурӣ ва **инчунин дар бораи нашри онҳо қарор қабул менамояд.**

3. Пас аз маъқул дониста шудани самтҳои асосии сиёсати **давлатии** молиявию қарзӣ ва андоз дар давраи банақшагирии буҷетӣ аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди ниҳоии хароҷотро аз рӯи нишондиҳандаҳои васеи гурӯҳбандии буҷетӣ ба маълумоти тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ мерасонад. **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

4. Дар давраи дуюми таҳияи буҷети давлатӣ дар асоси ҳадди ниҳоии тасдиқшудаи буҷетӣ тибқи тартиб ва мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ, ки масъули таҳия ва пешбурди сиёсати давлатӣ дар бахшҳои соҳаи буҷет мебошанд:

- стратегияи миёнамӯҳлати хароҷоти буҷети бахшҳои дахлдорро таҳия ва ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд;
- хароҷоти буҷетро мувофиқи гурӯҳбандии буҷетӣ тақсим ва дархости буҷетиро таҳия карда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

5. Нақшаҳои стратегии буҷетии бахшҳо бояд маълумоти зеринро дар бар гиранд:

- нишондиҳандаҳои хароҷоти буҷети бахшҳо мувофиқ ба гурӯҳбандии буҷетӣ;
- нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии бахш ва индикаторҳои натиҷавӣ;
- тавсифи барномаҳо ва нишондиҳандаҳои асосии натиҷаҳои онҳо.

6. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ лоиҳаи буҷетҳои маҳаллиро оид ба даромад ва хароҷот мувофиқи гурӯҳбандии буҷетӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

7. Дар ҳолати аниқ намудани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар раванди таҳияи буҷети давлатӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, ки ба нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ ислоҳ ворид намояд.

8. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори ҷамъбастии хароҷотро оид ба нишондиҳандаҳои васеи гурӯҳбандии буҷетӣ ташаккул дода, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соли навбатии молиявӣ бо мактуби тавзеҳотии он таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Мактуби тавзеҳотӣ ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- самтҳои асосии сиёсати молиявию қарзӣ ва андозии аниқшуда;
- тавсифи хароҷот оид ба бахшҳои соҳаи буҷетӣ;
- инчунин маълумоти дигаре, ки барои баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатӣ барои **соли молиявии навбатӣ** зарур аст.

9. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатиро** бо ҳуҷҷату маводи зарурии пешниҳодгардида баррасӣ намуда, пас аз маъқул донистан ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

**Моддаи 39. Ҳуҷҷату маводе, ки зимни таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ истифода мегарданд**

1. Барои тартиб додани лоиҳаи буҷети давлатӣ ҳуҷҷату маводи зерин истифода карда мешаванд:

- дурнамои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли ҷорӣ, соли навбатӣ ва ду соли минбаъдаи он;
- самтҳои асосии сиёсати молиявию буҷетӣ ва андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** ва ду соли минбаъдаи он;
- барномаи давлатии сармоягузорӣ барои **соли молиявии навбатӣ** ва ду соли минбаъдаи он бо ҳаддҳои ниҳоии мувофиқи маблағгузорӣ;
- барномаи қарзгирии давлатии дохилӣ ва берунӣ ва додани қарз ба дигар давлатҳо барои соли ҷорӣ, **соли молиявии навбатӣ** ва ду соли минбаъдаи он; **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**
- нақшаҳои буҷетии стратегии соҳаҳо (бахшҳо);
- лоиҳаи барномаи кафолатҳои давлатӣ дар давраи нақшавӣ;

- арзёбии талафи буҷети давлатӣ аз ҳисоби имтиёзҳои андозии пешбинигардида;
- арзёбии иҷрои пешгӯишавандаи буҷет дар соли ҷории молиявӣ;
- ҳуҷҷату маводи дигар, ки барои таҳияи буҷети давлатӣ зарур мебошанд.

2. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад аз вазорату идораҳо, инчунин дигар тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ҳуҷҷатҳо ва маводи дигар, аз ҷумла асосноккуниҳои пардохтиро, ки барои таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ зарур мебошанд, талаб карда гирад. Вазорату идораҳо ва дигар тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ вазифадоранд, ки дар мӯҳлатҳои муайянгардида маълумоти дархостшударо пешниҳод намоянд.

**Моддаи 40. Тартиби таҳияи буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ**

1. Буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ аз ҷониби мақомоте, ки ин фондҳоро идора менамоянд, мутобиқи низомномаи фондҳои мазкур тибқи тартиб ва мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда мешаванд.

2. Дар ҳолати ба миён омадани мухолифат байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоте, ки буҷети фондҳои мақсадноки давлатиро таъмин менамоянд, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ин масъала қарори дахлдори худро қабул ва ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

**Моддаи 41. Таҳияи буҷетҳои маҳаллӣ**

1. Ҳангоми таҳияи лоиҳаи буҷетҳои маҳаллӣ афзалиятҳои буҷетии дар нақшаҳои буҷетии стратегии соҳаҳо (бахшҳо) овардашуда ва меъёрҳои ҳадди ақали стандартҳои иҷтимоии давлатии таъминоти буҷетӣ**, дурнамои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва самтҳои афзалиятноки барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳо** ба инобат гирифта мешаванд. **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

2. Буҷетҳои маҳаллиро мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар асоси дастури методии тасдиқнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи талаботи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия менамоянд.

3. Барои таҳияи буҷетҳои маҳаллӣ мақомоти молияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор масъул мебошанд.

## БОБИ 10. ПЕШНИҲОД, БАРРАСӢ ВА ТАСДИҚИ БУҶЕТҲО

**Моддаи 42. Тартиби пешниҳоди буҷетҳои маҳаллӣ**

1. Лоиҳаҳои буҷетҳои маҳаллиро ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ пешниҳод менамоянд. Лоиҳаҳои пешниҳодгардидаи буҷетҳои маҳаллӣ бояд чунин маълумотро дар бар гиранд:

- нишондиҳандаҳои даромаду хароҷот барои **соли молиявии навбатӣ** ва давраи миёнамӯҳлат;
- ҳисоби маблағҳои зарурии кӯмаки молиявии беподош (дотатсия) ва мусоидати молиявӣ (субвенсия), ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо карда мешаванд.

2. Нишондиҳандаҳои хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи бахшҳо (фаслҳои гурӯҳбандии функсионалӣ) барои **соли молиявии навбатӣ** ва ду соли минбаъдаи он бо тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷети ҷумҳуриявии дахлдор, ки барои муайян кардани (таҳия намудан ва гузаронидани) сиёсати давлатӣ дар бахшҳои соҳаи буҷет масъул мебошанд, мувофиқа карда мешаванд.

3. Дар мавриди ба миён омадани мухолифат байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ нисбат ба таҳияи лоиҳаи буҷети маҳаллӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ин масъала қарори дахлдори худро қабул ва ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

4. Раисони шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят ва шаҳр нишондиҳандаҳои даромаду хароҷоти буҷетҳо ва ҳисобҳоро оид ба онҳо мувофиқи талаботу қоидаҳои пешбининамудаи моддаи мазкур ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии болоӣ пешниҳод менамоянд.

**Моддаи 43. Тартиби пешниҳоди лоиҳаи буҷети давлатӣ**

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатиро** ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 20 сентябри соли ҷорӣ пешниҳод менамояд.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарраргардида лоиҳаи пешниҳодгардидаи буҷети давлатӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатиро баррасӣ намуда, қарори дахлдор қабул мекунад.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои **соли молиявии навбатӣ** ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол то 1 ноябри соли ҷорӣ пешниҳод менамояд.

**Моддаи 44. Ҳуҷҷатҳо ва маводе, ки дар як вақт якҷоя бо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми пешниҳоди лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷату маводи зеринро низ пешниҳод менамояд:

- ҷамъбасти пешакии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузаштаи соли ҷорӣ;
- дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли ҷорӣ, **соли молиявии навбатӣ** ва ду соли минбаъдаи он;
- ҳисобот дар бораи баҳогузории хавфи фискалӣ;
- самтҳои асосии аниқшудаи сиёсати молиявию буҷетӣ ва андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** ва ду соли минбаъдаи он;
- лоиҳаи буҷети давлатӣ бо нишондиҳандаҳои васеи гурӯҳбандии буҷетӣ барои **соли молиявии навбатӣ** ва ду соли минбаъдаи он;
- нақшаҳои буҷетии стратегии соҳаҳо (бахшҳо);
- лоиҳаи барномаи қарзгирии давлатии берунӣ ва ба дигар давлатҳо додани қарз дар соли ҷорӣ, барои **соли молиявии навбатӣ** ва ду соли минбаъдаи он;
- лоиҳаи барномаи қарзгирии дохилӣ, ки барои пардохти касри буҷет дар соли ҷорӣ, барои **соли молиявии навбатӣ** молиявӣ ва ду соли минбаъдаи он пешбинӣ шудааст;
- лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи боздошти амал ё беэътибор донистани қонунҳое, ки дар онҳо хароҷоти маблағ аз ҳисоби буҷети давлатӣ пешбинӣ мегардад;
- инчунин ҳуҷҷатҳои дигаре, ки барои баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** зарур мебошанд.

2. Ҳуҷҷатҳои алоҳидаи пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур метавонанд ба таркиби ҳуҷҷатҳои шарҳдиҳандаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** илова карда шаванд.

3. Дар баробари пешниҳоди лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд лоиҳаҳои қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» пешниҳод карда шаванд. **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

**Моддаи 45. Фонди хароҷоти пешбининашуда**

1. Фонди хароҷоти пешбининашуда ҳар сол ба ҳаҷми хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ дохил карда мешавад. Андозаи фонди хароҷоти пешбининашуда наметавонад аз 0,5 фоизи даромади буҷети давлатӣ зиёд бошад. Тақсимот ва истифодабарии маблағҳои фонди хароҷоти пешбининашуда дар ихтиёри Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маблағҳои фонди хароҷоти пешбининашуда барои бартараф кардани оқибатҳои офатҳои табиӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, ки баъд аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** ва дигар ҳолатҳои дар буҷет пешбининашуда ба миён меоянд, сарф мегарданд.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар семоҳа ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хароҷоти фонди хароҷоти пешбининашуда маълумот пешниҳод менамояд.

**Моддаи 46. Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 2 фоизи даромади буҷети давлатӣ муқаррар гардида, ба буҷети ҷумҳуриявӣ дохил мешавад.

2. Маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хароҷот карда мешаванд.

**Моддаи 47. Фонди стабилизатсионии рушди иқтисодиёт**

Бо мақсади дастгирии мӯътадилии макроиқтисодӣ, таъмини устувории низоми молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба вуҷуд овардани кафолати иҷрои ӯҳдадориҳои давлат дар таркиби буҷети давлатӣ метавонад Фонди стабилизатсионии рушди иқтисодиёт таъсис дода шавад. Тартиби ташаккул ва истифодабарии Фонди стабилизатсионии рушди иқтисодиёт **бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, андозаи маблағҳо барои фонди стабилизатсионӣ** ҳар сол дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ муқаррар**

карда мешавад. **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

**Моддаи 48. Фонди захиравии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия**

**1. Фонди захиравии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ба андозаи 0,5 фоизи ҳаҷми даромади буҷети маҳаллии дахлдор муқаррар гардида, ба таркиби хароҷоти он дохил карда мешавад.**

**2. Ба фонди захиравӣ раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ихтиёрдорӣ менамояд.**

**3. Истифодаи маблағҳои фонди захиравии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. (ҚҶТ аз 19.03.13с.№946)**

**Моддаи. 49. Тартиби баррасӣ ва тасдиқи буҷетҳо**

1. Тартиби баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** ва тасдиқи онро Қонуни мазкур муайян мекунад.

2. Тартиби баррасии лоиҳаи қарор дар бораи буҷети маҳаллӣ ва тасдиқи онро мутобиқи талаботи Қонуни мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян мекунанд.

3. Лоиҳаи буҷети фондҳои мақсадноки давлатӣ дар як вақт бо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

4. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйирот ба қонунгузории андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки боиси тағйирёбии даромадҳои буҷети давлатӣ дар соли навбатии молиявӣ ё соли минбаъдаи он мегардад, то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.

5. Нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои соли навбатии молиявӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** тасдиқ карда мешаванд. Нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ оид ба мавқеъҳои васеи гурӯҳбандии буҷетӣ барои ду соли оянда баъди соли навбатии молиявӣ бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

**Моддаи 50. Оқибатҳои қабул нашудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ**

1. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ**, ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 31 декабри соли равон қабул нашудааст, мавриди амал қарор дода намешавад ва маблағгузории хароҷот мутобиқи муқаррароти моддаи 53 Қонуни мазкур сурат мегирад.

2. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур метавонад қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маблағгузории хароҷот аз буҷети давлатӣ дар семоҳаи якуми **соли молиявии навбатиро** қабул намояд.

**Моддаи 51. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор дар рафти иҷрои он**

1. Лоиҳаҳои қонунҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор аз рӯи тамоми масъалаҳое, ки мавзӯи танзими Қонуни мазкур мебошанд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** пешниҳод карда мешаванд.

2. Дар ҳолати кам ё барзиёд ворид шудани маблағҳо ба буҷет, ки метавонад боиси тағйирёбии даромади буҷети давлатӣ ба андозаи то 10 фоизи таъиноти солона нисбат ба буҷети тасдиқшуда гардад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ бе тағйир ёфтани андозаи касри буҷет қарор қабул намояд. Қарори мазкур дар давоми 5 рӯз ба маълумоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида шуда, ҳатман нашр карда мешавад.

3. Дар ҳолати кам ё зиёд шудани воридоти маблағҳо ба буҷет, ки метавонад боиси 10 фоиз ё аз он

зиёд тағйир ёфтани даромад аз таъиноти солонаи тасдиқшудаи буҷети давлатӣ гардад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонун дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор ё лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдорро бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни зикргардидаро бо тартиби ғайринавбатӣ дар давоми 15 рӯз баррасӣ менамояд.

4. Агар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор дар мӯҳлати муқарраргардида қабул нашавад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, ки бо қабули қарори мувофиқ оид ба масоили мазкур хароҷоти буҷети давлатиро мутаносибан кам ё зиёд намояд, агар дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

5. Ҳама гуна лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, ки ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд, бояд ҳамзамон бо таъсири молиявии интизории онҳо ба буҷети давлатӣ пешниҳод гарданд, аз ҷумла:

- бо ҳисобҳои хароҷоти соли ҷорӣ, **соли молиявии навбатӣ** ва ду соли минбаъдаи он бо нишон додани номгӯи хароҷот ва омилҳои асосие, ки боиси ин хароҷот мегарданд, инчунин арзиши қиёсии ҳар як омили хароҷот; **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

- бо баҳодиҳии арзиши умумии татбиқи лоиҳаҳои дахлдор, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ояндаи дарозмӯҳлат.

6. Дар баробари ин ҳамчунин ба Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдори молиявӣ бояд пешниҳодот дар хусуси пӯшонидани хароҷоти афзуда ё дар хусуси пӯшонидани талафоти даромадҳо ворид карда шаванд.

## БОБИ 11. ИҶРОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Моддаи 52. Тартиби тасдиқи сметаи хароҷот

1. Пас аз тасдиқи буҷети давлатӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати на зиёда аз 10 рӯз ба тақсимкунандагони асосӣ, тақсимкунандагон ва гирандагони маблағҳои буҷетии буҷети ҷумҳуриявӣ дар хусуси маблағҳои барояшон пешбинишуда хабар медиҳад. Ташкилотҳои буҷетӣ дар доираи маблағҳои барояшон пешбинишуда сметаи хароҷоти худро таҳия ва тасдиқ намуда, дар мӯҳлати на зиёда аз 30 рӯзи пас аз тасдиқи буҷети давлатӣ онҳоро ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

2. Тартиби таҳия ва тасдиқи сметаи хароҷоти ташкилотҳои буҷетиро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

### Моддаи 53. Иҷрои буҷети давлатии тасдиқнашуда

1. Дар ҳолати буҷети давлатиро то 31 декабри соли равон тасдиқ накардани Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (мақоми молияи маҳаллӣ) ба ташкилотҳои буҷетӣ барои хароҷот ба миқдори аз дувоздаҳ як ҳиссаи хароҷоти буҷети соли гузашта барои ҳар моҳи пурра маблағ ҷудо менамояд.

2. Маблағгузории моддаҳои ҳимояшавандаи хароҷот дар ҳаҷми пурраи соли гузашта анҷом дода мешавад. Хизматрасонии қарз, фоизи қарз ва пардохти ӯҳдадориҳои дигари давлатӣ, ки метавонанд боиси татбиқи муҷозоти ҷаримавӣ гарданд, пурра иҷро карда мешаванд.

3. Даромадҳои воридшуда, дигар воридот ва хароҷот, ки то тасдиқи буҷети давлатӣ амалӣ гардидаанд, аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** ба танзим даровардa мешаванд.

### Моддаи 54. Ваколату масъулияти вазорату идораҳо ва дигар ташкилотҳои буҷетӣ оид ба иҷрои буҷети давлатӣ

1. Вазорату идораҳо ва дигар ташкилотҳои буҷетӣ хароҷоти худро мувофиқи сметаҳои тасдиқшуда амалӣ менамоянд.

2. Ташкилотҳои дахлдор ба воситаи хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаҳои маҳаллии он маблағгузорӣ карда мешаванд.

3. Роҳбарони тақсимкунандагони асосӣ, тақсимкунандагон ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ барои истифодабарии мақсаднок ва самарабахши маблағҳои буҷетӣ масъул мебошанд.

4. Ташкилотҳои буҷетӣ ҳуқуқ надоранд зиёдтар аз маблағҳои тасдиқкардаи Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ ӯҳдадорӣ қабул намоянд.

**Моддаи 55. Азнавтақсимкунӣ ва маҳдудкунии маблағҷудокунии буҷетӣ дар раванди иҷрои буҷет**

1. Хароҷоти тасдиқшудаи буҷетии вазорату идораҳо ва дигар ташкилотҳои буҷетӣ метавонад дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдори молиявӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир ёбад ва аз нав тақсим карда шавад.

2. Дар доираи сметаи хароҷоти вазорату идораҳо ва дигар ташкилотҳои буҷетӣ азнавтақсимкунии маблағҳо байни моддаҳои хароҷот бо иҷозати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад:

- дар ҳолати ошкор шудани далелҳои истифодабарии маблағҳои як моддаи хароҷот барои хароҷоти моддаи дигар, вайрон кардани талаботи идоракунии самарабахши молиявӣ то пурра бартараф намудани ин ҳолатҳои ошкоршуда амалиёти хароҷотиро аз рӯи моддаи дахлдор боздошт кунад ё маблағгузории хароҷотро ба андозаи маблағҳои ошкоргардидаи ин моддаҳои хароҷотӣ кам намояд;

- дар ҳолати гузаштани мӯҳлати давомнокии даъво аз рӯи қарзҳои дебиторӣ ва кредитории ташкилотҳои буҷетӣ маблағгузории моддаҳои хароҷотро, ки аз рӯи онҳо қарзҳои мазкур ба вуҷуд омадаанд, ба андозаи ҳамин қарзҳо кам кунад;

- дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми тағйирёбии ваколатҳои тақсимкунандаи асосӣ, тақсимкунанда ва гирандаи маблағҳои буҷетӣ ё зиёд гардидани андозаи касри солонаи буҷет бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории буҷетиро муваққатан манъ намояд, ҳаҷми маблағҷудокуниҳоро кам кунад ё вақти ҷудо намудани онҳоро тағйир диҳад.

4. Дар ҳолати азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии ташкилотҳои буҷетӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба буҷет дар доираи маблағҳои барои таъминоти онҳо ҷудошуда тағйироти дахлдор ворид месозад.

**Моддаи 56. Иҷрои буҷети ҷумҳуриявӣ**

1. Буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи хароҷот тавассути низоми автоматикунонидашудаи хазинадории давлатӣ дар доираи маблағҳои буҷетии дар суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ воқеан мавҷудбуда бо риояи ҳатмии марҳилаҳои асосии зерин иҷро карда мешавад:

- муқаррар намудани таъиноти буҷетии тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ дар асоси рӯйхати тасдиқшудаи буҷетӣ;

- расонидани маблағҳои буҷетӣ ба тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ, инчунин тасдиқи сметаҳои буҷетӣ аз ҷониби гирандагони маблағҳои буҷетӣ;

- қабули ӯҳдадориҳои пулӣ аз ҷониби гирандагони маблағҳои буҷетӣ;

- тасдиқ ва санҷиши иҷрои ӯҳдадориҳои пулӣ;

- иҷрои пардохтҳо (хароҷоти маблағҳои буҷетӣ);

- истифодабарии мол (кор, хизматрасонӣ) бо мақсади амалӣ намудани вазифаи тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ ва татбиқи барномаҳои давлатӣ.

2. Ӯҳдадориҳое, ки ташкилотҳо бе маблағҷудокунии буҷетии дахлдор ё бо барзиёдии ваколатҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ** қабул кардаанд, ӯҳдадориҳои буҷетӣ маҳсуб намеёбанд. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ барои пӯшонидани чунин ӯҳдадориҳо амалӣ карда намешавад.

**Моддаи 57. Иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ**

Иҷрои буҷети маҳаллӣ бо ҳамон тартибе амалӣ карда мешавад, ки барои иҷрои буҷети ҷумҳуриявӣ муқаррар гардидааст. Масъулияти иҷрои буҷети маҳаллӣ ба зиммаи мақомоти молияи маҳаллӣ гузошта мешавад.

**Моддаи 58. Иҷрои буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ**

Буҷетҳои фондҳои максадноки давлатӣ мутобиқи тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда мешаванд. Масъулияти иҷрои буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ ба зиммаи мақомоте гузошта мешавад, ки **буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатиро идора мекунанд.**

**(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

**Моддаи 59. Ҷамъбаст ва таҳлили иҷрои буҷети давлатӣ**

1. Иҷрои буҷети давлатиро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст ва таҳлил мекунад.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ҷамъбаст ва таҳлили ҳисоботи иҷрои буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ ҳар семоҳа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъи буҷети давлатӣ бо ҷамъбасти афзоянда ахборот пешниҳод менамояд. Ахборот бояд чунин маълумотро дар бар гирад:

- маълумоти ҳисоботӣ дар бораи вазъи макроиқтисодӣ ва молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муқоисаи ҳаҷми даромадҳои воқеӣ ва тасдиқшуда, ҳаҷми хароҷоти воқеӣ ва тасдиқшуда, каср ва қарзҳои буҷети давлатӣ бо шарҳи фарқияти байни нишондиҳандаҳои тасдиқшуда ва воқеӣ;
- тадбирҳо оид ба таъмини иҷрои буҷети давлатӣ дар давраи боқимонда.

2. Дар асоси натиҷаи ҷамъбасту таҳлили иҷрои буҷет дар соли ҳисоботӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 51 Қонуни мазкур барои ба вазъияти нави иқтисодӣ мувофиқ кунонидани соли молиявии ҷорӣ қарор қабул мекунад ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин хусус огоҳ менамояд.

**Моддаи 60. Анҷоми соли буҷетӣ**

1. Ҳуқуқи маблағгузории хароҷоти пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор 31 декабри соли дахлдор қатъ мегардад.

2. Ҳамаи маблағҳое, ки ба ҳисоби вазорату идораҳо ва дигар ташкилотҳои буҷетии аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда гузаронида шудаанд ё дар суратҳисобҳо ё хазинаҳои онҳо мавҷуданд, бояд дар давоми рӯзи 31 декабр ҷамъбаст гардида, ба суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ гузаронида шаванд, агар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори дигар қабул накунад. Мақомоти молияи маҳаллӣ ва мақомоти идоракунии фондҳои мақсадноки давлатӣ бо чунин тартиб суратҳисобҳо, хазинаҳо ва маблағҳои ташкилотҳои ҳисоботдиҳандаро, ки аз буҷетҳои маҳаллӣ, буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, ҷамъбаст менамоянд.

## БОБИ 12. НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА АУДИТ

**Моддаи 61. Назорати давлатии молиявӣ ва аудит**

1. Назорати давлатии молиявӣ ва аудитро мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти молияи маҳаллӣ, тақсимкунандагони асосӣ ва тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ амалӣ менамоянд.

2. Шакл ва тартиби назорати давлатии молиявӣ ва аудитро, ки аз ҷониби мақомоти дахлдор амалӣ мешаванд, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

## БОБИ 13. ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ИҶРОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ

**Моддаи 62. Ҳисоботи марҳилавӣ дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ**

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вазорату идораҳо, дигар ташкилотҳои буҷетӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва дастуриеро, ки риояи расмиёти стандартии баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро талаб менамоянд, таҳия ва нашр мекунад.

2. Вазоратҳо, идораҳо ва дигар ташкилотҳои буҷетӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи мӯҳлати муқаррарнамудаи он ҳисоботи семоҳаро дар бораи иҷрои сметаи даромаду хароҷот ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бошанд, ҳисоботи семоҳа оид ба иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ пешниҳод менамоянд.

**3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти иҷрои буҷети давлатӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи семоҳа пешниҳод менамояд. Мақомоти молия дар маҳалҳо бо тартиби муқарраргардида оид ба ҷамъбасти иҷрои буҷети маҳаллӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳисоботи семоҳа пешниҳод менамоянд.**

**4. Дар ҳисоботи семоҳа оид ба иҷрои буҷети давлатӣ маълумоти зерин дарҷ карда мешаванд:**

**- нишондиҳандаҳои воқеии даромад, грант ва қарзҳои давлатии дар давоми се моҳ гирифташуда;**

**- хароҷоти буҷетӣ мутобиқи гурӯҳбандии вазифавӣ ва иқтисодии буҷетӣ аз нуқтаи назари ҳаҷми аниқшудаву тасдиқгардида ва нишондиҳандаҳои воқеӣ;**

**- ҳисобот оид ба ҳолати қарзи беруна;**

**- ҳисобот оид ба нишодиҳандаҳои макроиқтисодӣ.**

**5. Дар ҳисоботи семоҳа оид ба иҷрои буҷети маҳаллӣ маълумоти зерин дарҷ карда мешаванд:**

**- нишондиҳандаҳои воқеӣ аз рӯи даромадҳо;**

**- хароҷоти буҷет аз нуқтаи назари ҳаҷми аниқшудаву тасдиқгардида ва нишондиҳандаҳои воқеӣ.**

**6**. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи семоҳаро оид ба иҷрои буҷети давлатӣ тавассути воситаҳои ахбори омма на дертар аз ду моҳи баъди ба анҷом расидани семоҳаи мазкур нашр менамояд. **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

**Моддаи 63. Ҳисоботи солона дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ**

1. Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири соли молиявӣ оид ба ҷамъбасти сол ва тайёр кардани ҳисобот дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ фармоиш мебарорад.

2. Дар асоси фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи гирандагони маблағҳои буҷетӣ дар бораи даромаду хароҷот ҳисоботи солона тайёр мекунанд.

3. Вазоратҳо, идораҳо ва дигар ташкилотҳои буҷетӣ ҳисоботи солонаи ташкилотҳои тобеъро муқоиса карда, қарори дахлдор қабул мекунанд ва то 1 марти соли ҷорӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи ҷамъбастии солона пешниҳод менамоянд.

4. Ҳисоботи иҷрои буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатиро мақомоти идоракунии фондҳои мазкур тартиб дода, то 1 марти соли ҷории молиявӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳисоботи солонаи вазорату идораҳо, ташкилотҳои буҷетӣ, гирандагони маблағҳои буҷетӣ, мақомоти идоракунии фондҳои мақсадноки давлатӣ, фармоишгарони давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилотҳои ваколатдор дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ ҳисоботи солона тартиб дода, то 15 июни соли ҷорӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

6. Дар ҳисоботи солона оид ба иҷрои буҷети давлатӣ бояд маълумоти зайл нишон дода шавад:

- нишондиҳандаҳои воқеии даромаду грантҳо ва қарзҳои давлатӣ, ки дар давоми сол гирифта шудаанд;
- хароҷоти буҷетӣ мувофиқи гурӯҳбандии буҷетии вазифавӣ, иқтисодӣ ва идоравӣ аз нуқтаи назари ҳаҷми тасдиқу аниқшуда ва нишондиҳандаҳои воқеӣ;
- сатҳи воқеии касри буҷет ва маблағгузории он;
- баланси (тавозуни) суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ дар аввал ва охири сол;
- ҳисоботи дороиҳои молиявӣ ва фонди стабилизатсионӣ;
- шарҳи фарқиятҳои асосӣ байни маблағҷудокунии воқеии буҷетӣ ва таъиноти тасдиқшудаи буҷетӣ;
- ҳисобот дар бораи ҳаҷми қарзгирии давлатӣ, кафолати давлатии қарзҳо, ки дар давоми соли буҷетӣ дода шудаанд, феҳристи қарзҳои пардохтнашудаи давлатӣ, маълумот дар бораи амалиёти дигар оид ба идоракунии қарз;
- тавсифи умумии сармоягузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ;
- ҳисобот дар бораи хароҷот аз фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фонди хароҷоти пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 64. Пешниҳоди ҳисоботи солона дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солона дар бораи иҷрои буҷети давлатиро ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 15 июли соли ҷорӣ пешниҳод менамояд.

2. Дар як вақт якҷоя бо ҳисоботи солона оид ба иҷрои буҷети давлатӣ дар соли ҳисоботии молиявӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солона дар бораи иҷрои буҷети фондҳои мақсадноки давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

**Моддаи 65. Хулосаи берунӣ ба ҳисобот дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ**

1. Хулосаи берунӣ ба ҳисобот дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ аз ҷониби **Палатаи ҳисоби** Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол то 1 октябр ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

2. Шахсони мансабдори **Палатаи ҳисоби** Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дуруст ва мукаммал будани маълумоти дар хулосаи он зикрёфта мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошанд.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф кардани камбудиҳои дар хулоса зикргардида ва мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор чораҳои зарурӣ меандешад. (**ҚҶТ аз 12.11.13с.№1027)**

**Моддаи 66. Баррасӣ ва тасдиқи ҳисобот дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як вақт дар баробари баррасӣ ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои **соли молиявии навбатӣ**, ҳисоботи солонаи иҷрои буҷети давлатии соли гузаштаи молиявиро баррасӣ намуда, тасдиқ мекунад. **(ҚҶТаз 14.05.2016 сол. №1316)**

**Моддаи 67. Нашри ҳисобот дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солонаро дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ пас аз тасдиқ шудани он аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар воситаҳои ахбори омма нашр менамояд.

## БОБИ 14. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 68. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 69. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2002 «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №11, мод. 714; с. 2007, №7, мод. 670; с. 2008, №6, мод. 453) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 70. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

**ш.Душанбе**
**28 июни соли 2011**
**№723**